# ҚАРОРИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Пачаева Муҳаё Пулатовна

04 октябри соли 2024 №68 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст; баромади **муқарризони расмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва Қурбонова Гулрӯхон Абдуалимовна - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе; **муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва баромади аъзои шурои диссертатсионӣ: Иззатова М.И., Раҳимзода Х., Негматов С.Э. ва Обидова М.И.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи унвонҷӯ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои диссертатсионии 6D.КОА-030

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010100 – Таълим ва тарбияи томактабӣ (13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.
2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Пачаева Муҳаё Пулатовна дар дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Пачаева Муҳаё Пулатовна дипломи номзади илмҳои педагогиро диҳад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор – Ҳама.
Муқобил - Нест.
Бетараф - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Раиси ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030 –и
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

04.10.2024

*“Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам”*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.